**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав,
д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р.
_______________________________
«_02_» ________04________ 2025 с.

**ХУЛОСАИ**

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Диссертатсия дар мавзуи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтори идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комплекси агросаноатӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ, самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).

Собирзода Шодмон Сулаймонжон соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи омӯзгор таваллуд шудааст, соли 1997 ба мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 15-и шаҳри Бохтар ба синфи якум рафта, онро соли 2008 бо баҳои хубу аъло бо итмом расонида ва худи ҳамон сол ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ба факултети иқтисодӣ, ихтисоси фаъолияти бонкӣ дохил шуда, онро соли 2012 бо дипломи аъло хатм намудааст. Сипас, соли 2012 ба шуъбаи магистратура, ихтисоси фаъолияти бонкӣ дохил гардида, онро низ соли 2014 бо дипломи аъло хатм кардааст. Соли 2014 ҳуҷҷатҳояшро ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав супорида, таҳсили онро соли 2017 ба анҷом расонидааст.

Фаъолияти омӯзгориашро аз соли 2014 оғоз намуда, ҳамчун омӯзгор дар кафедраҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, назарияи иқтисодӣ, менеҷмент, андоз ва андозбандӣ, таҳлили иқтисодӣ ва аудит кору фаъолият намуда, дар вазифаҳои гуногун кор кардааст, аз ҷумла:

Аз соли 2019 то соли 2020 дар вазифаи муовини декан оид ба илми факултети менеҷменти Донишгоҳи давалатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

Аз соли 2020 то соли 2021 мудири кафедраи андоз ва андозбандии факултети гумрук ва таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давалатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

Аз моҳи сентябр то октябри соли 2021 мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давалатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

Аз моҳи октябри соли 2021 то соли 2024 декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давалатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

Аз моҳи марти соли 2024 мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити факултети гумрук ва таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давалатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

Аз моҳи сентябри соли 2024 бо фармоиши ректори донишгоҳ ҳамчун ходими калони илмии Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давалатии Бохтар ба номи Носири Хусрав то инҷониб фаъолият намуда истодааст.

Санаи 23 январи соли 2020 диссертатсияи номзадиро дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» зери роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Аврор Бобоевич дар Шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дифоъ намуда, 29 сентябри соли 2020 аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мушарраф гардидааст.

Дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, таҳти № 5, аз 29 декабри соли 2020 мавзуи рисолаи докториашро дар мавзуи “Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтори фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комплекси агросаноатӣ” зери мушовирии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Мирсаидов Аврор Бобоевич тасдиқ намудааст.

Санаи 29 феврали соли 2024 аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо унвони илмии дотсент аз руи самти Иқтисодиёт сазовор гаштааст.

Аз 29 июни соли 2022 то инҷониб унвонҷу (докторант)-и кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад.

**Мушовири илмӣ:** Мирсаидов Аврор Бобоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар ҷаласаи васеи якҷояи кафедраҳои таҳлили иқтисодӣ ва аудит, менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ, андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 12 – марти соли 2025 бо суратҷаласаи №7 муҳокима гардид.

Докторант оид ба мавзуи диссертатсионӣ 25 маводи илмӣ, аз ҷумла, 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтори идоракунии фаъолияти сармоягузори дар бахши комплекси агросаноатӣ» ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар марҳилаи рушди суръатнок, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст (солҳои 2021-2025), "татбиқи максималии иқтидорҳои институтсионалии модели нави рушд ба даст омада, якбора зиёдшавии ҳаҷми сармоягузорӣ дар бахши воқеӣ ва инфрасохтор ҳамчун заминаи асосӣ барои рушди иқтисодиёт мегардад. Афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо тавассути ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва

маблағҳои пасандозҳои дохилӣ ба даст меоянд”. Истифодаи иқтидорҳои институтсионалии модели нави рушд ва ҷалби сармоягузорӣ дар бахши воқеии истеҳсолот, аз он ҷумла дар соҳаи муҳими он - бахши аграрии иқтисодиёт, пеш аз ҳама, аз мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии ташаккулу истифодаи самараноки захираҳои сармоягузорӣ вобастагӣ дорад.

Воқеан ҳам муҳимтарин шарти фаъолияти рушди устувори бахши аграрии иқтисодиёти мамлакат татбиқи иқтидори иҷтимоию иқтисодии он, азнавсозии инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, ташкили ҳаракати самарабахши ҷараёни молиявию моддиро такмили механизми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ташкил медиҳад.

Дар марҳилаи нави рушди мамлакат сармоягузорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодӣ барои таъмини рушди комплекси агросаноатӣ дар асоси таъмини афзоиши заминаи моддию техникӣ, ҷорӣ намудани технологияи нав, зиёд намудани шумораи ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ равона карда шудааст.

Ихтисос ва номи мавзуи диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтори идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комплекси агросаноатӣ» ба шиносномаи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), мувофиқат менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (аз 5 марти соли 2007, № 241, бо тағйиру иловаҳо аз 18 марти соли 2022, № 1866), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (15 марти соли 2016, № 1299) ,“Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз 31 декабри соли 2008, №658), «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»,

«Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», Барномаи рушди низоми кишоварзӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030 (аз 1 марти соли 2023, №54), «Барномаи давлатии рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" алоқамандӣ дорад.

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсионӣ коркарди асосҳои назариявию методологии таъминоти институтсионаливу инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, муайян кардани маҷмуи омилҳо ва шароитҳои институтсионалӣ, ки ба фаъолияти сармоягузории субъектҳои хоҷагидории КАС таъсир мерасонанд, инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳои амалӣ ва модели институтсионалии механизми сармоягузории системаи муосири иқтисодиёти аграрии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар диссертатсия иҷрои вазифаҳои зерин ҳалли худро ёфтаанд:

- таҳқиқи муносибати институтсионалӣ доир ба таҳқиқи фаъолияти сармоягузорӣ;
- тавсифи хусусиятҳои таъмини инфрасохториву институтсионалии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ;
- таҳқиқи механизмҳои институтсионалии (ташкилӣ ва иқтисодии) идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ;
- муайян намудани заминаҳои методологии сармоя ва фаъолияти сармоягузорӣ;
- омӯзиши муносибатҳои методологии арзёбии ҷанбаҳои институтсионалии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ;
- арзёбии вазъу шароити институтсионалии ташаккули ҷолибияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ;

- муайян намудани алоқамандии ислоҳоти инииститутсионалӣ ва тараққиёти истеҳсолоти агросаноатӣ;

- таҳлил ва арзёбии вазъи сармояи асосии (базаи моддию техникии) субъектҳои КАС;

- муқаррар намудани тамоюлҳои фаъолияти сармоягузори дар комплекси агросаноатӣ;

- таҳқиқи механизмҳои идоракунии равандҳои сармоягузорӣ бо ҷузъи заминҳои кишоварзӣ (Рушди гардиши замин ҳамчун омили ҷолибияти сармоягузорӣ);

- муайян намудани талабот ба сармоягузорӣ ва такмил додани усулҳои он;

- механизми сармоягузории ҳавасмандгардонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар КАС;

- асосноккунии роҳҳои такмили сохтор ва вазифаҳои таъминоти институтсионалии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ;

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки ислоҳоти бахши аграрии иқтисодиёт дар ҷодаи таъмини идораи рушди фаъолияти сармоягузорӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ сармоягузориҳо ва сиёсати сармоягузории давлатӣ дар комплкеси агросаноатии мамлакат ва минтақаҳои он дар шароити трансформатсияи индустриалии иқтисодиёти аграрии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** муҳити институтсионалии ташкилу идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплеси агросаноатӣ, муносибатҳо ва робитаҳои устувори байни субъектҳои раванди сармоягузорӣ дар шакли санадҳои меъёрӣ, сохторҳои ташкилӣ, шаклҳои ҳамкории расмӣ ва ғайрирасмиро дар бар мегирад.

**Фарзияи таҳқиқотм** диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар шароити рушди механизмҳои бозории фаъолияти сармоягузорӣ, афзудани шумораи транзаксияҳо (амалиётҳо) дар системаи муносибатҳои иштирокдорони раванди сармоягузорӣ ва бинобар он ташаккулу рушд

ёфтани бахши транзаксионии иқтисодиёти комплекси агросаноатии сатҳҳои гуногун, нақш ва аҳамияти таъминоти институтсионаливу инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ меафзояд. Дар робита ба ин, такмили илман асоснокёфтаи таъминоти институтсионаливу инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ на танҳо интихоби лоиҳаҳои босамарро дар самтҳои афзалиятноки КАС, балки пайваста бо паст шудани хароҷоти транзаксионӣ вобаста ба таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба фароҳам омадани муҳити солими сармоягузорӣ, боло рафтани сатҳи ҳавасмандии сармоягузорон дар соҳа ва самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат менамояд.

**Асоси назариявӣ ва методологии диссертатсия** ба муқаррароти асосии назарияи иқтисодии институтсионалӣ, натиҷаҳои тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ мебошанд, ки дар асарҳои бунёдии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба назарияи иқтисодиёти институсионалӣ ва иқтисодиёти аграрӣ, инчунин санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрҳои мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст. Дар диссертатсия усулҳои таҳлили системавию муқоисавии тамоюлҳо ва шаклҳои равандҳову фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, усулҳои абстраксияи илмӣ, моделсозии консептуалӣ, усулҳои тадқиқоти сотсиологӣ истифода шудаанд.

**Иштироки шахсии унвонҷӯ (докторант) дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсияи пешниҳод кардааст.** Диссертатсия натиҷаи тадқиқоти шахсии докторант ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявӣ, методологӣ ва амалии таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтори идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комплекси агросаноатӣ, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи тадқиқот инъикос гардидааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Таҳқиқоти диссертатсиониро маводҳои ҳисоботии вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он, ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои кишоварзӣ, нашрҳои илмӣ аз рӯйи маводҳои конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ, маълумотҳо аз интернет-сомонаҳои расмии мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ташкил додааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб ба ихтисос ва самти интихобшуда мувофиқат намуда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯй мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Диссертатсия дар коркарди консепсияи институтсионалии таҳлилу арзёбии фаъолияти сармоягузорӣ ва таъминоти институтсионаливу инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ мебошад, ки имкон медиҳад, равандҳои сармоягузорӣ дар робитаи зич бо тағйироти муҳити институтсионалии ҷомеа баррасӣ гарданд.

Дар натиҷаи тадқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст омадааст, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд:

- дар доираи муносибати институтсионалӣ ба таҳлили раванди сармоягузорӣ дар марҳилаи муносибатҳои бозории рушдёбандаи иқтисодиёти аграрӣ асоснок карда мешавад, ки системаи қаблии дастгирии давлатии таъмини захираҳои молиявӣ ва моддии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ аз миён рафта, системаи нав, ки дар доираи механизмҳои бозорӣ суръат мегирад, ҳанӯз дар сатҳи кофӣ рушд наёфтааст, зарурати ташаккули механизми дастгирии сармоягузории сектори кишоварзӣ, аз ҷумла дигаргунсозии назарраси сохтори аграрӣ ва усулҳои хоҷагидорӣ, усулҳои танзими иқтисодию ҳуқуқӣ, технологӣ ва иттилоотии дастгирии фаъолияти сармоягузорӣ, ки ба шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ мувофиқ асту ҳадафи таъмини амнияти

озуқаворӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшударо дорад, асоснок карда шудааст;

- муқаррарот ба мазмуни категорияи «инфрасохтори институтсионалии фаъолияти сармоягузорӣ» ҳамчун системаи институтҳои расмӣ ва ғайрирасмии ба ҳам алоқаманд, инчунин механизмҳои ташаккул, фаъолият ва рушди онҳо, ҳамоҳангсозиву ҳамкории иштирокдорони муносибатҳои сармоягузорӣ, ки ба равандҳои сармоягузорӣ таъсири танзимкунанда ва ҳавасмандкунанда мерасонад, ворид карда шудааст; инфрасохтори фаъолияти сармоягузориро дар комплекси агросаноатӣ ҳамчун маҷмуаи сохторҳои ба ҳам алоқаманди хизматрасонӣ, ки барои ҳалли мушкилоти бамиёномадаро дар фаъолияти сармоягузорӣ  мусоидат менамояд, баррасӣ шудааст;

- мафҳуми «лоиҳаи сармоягузории комплексӣ» дар гардиши илмӣ ҷорӣ карда шудааст, ки дар системаи инфрасохтори сармоягузорӣ имкон медиҳад, бо истифода аз маблағҳои Фонди сармоягузорӣ барои татбиқи якчанд лоиҳаҳо метавонанд сармоягузории истеҳсоливу тиҷоратии гуногунро дар комплекси агросаноатӣ ва иқтисоди деҳот мусоидат намуда, инчунин мушкилоти ба ҳам алоқамандро ҳал кунанд;

- вобаста ба шароити тағйирёбандаи беруна зарурати такмили стандартҳои таҳияшуда, қоидаҳои муайяни таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки барои пешгирӣ кардани вайронкунии муҳлати корҳо, сметаҳои хароҷот, нақшаҳо ва шартномаҳо, нишондиҳандаҳои самаранокӣ (NPV, IRR, PI), хатарҳо ва ғайра, ки нақши институтҳои идоракунии фаъолияти сармоягузориро ба иҷро мерасонанду барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳи фаъолияти сармоягузорӣ хизмат менамоянд, асоснок карда шудааст;

- омилҳо ва шароитҳои институтсионалие, ки вазъияти буҳрониро  дар фаъолияти сармоягузориҳо мусоидат менамоянд, тавсиф ёфта, монеаҳо ва маҳдудиятҳои институтсионалӣ, ки ба ҷараёни сармоягузорӣ ба иқтисодиёти деҳот монеа мешаванд, муайян ва ба низом даровардa шуданд;

- муносибати байни навъҳои институтсионалии субъектҳои хоҷагидорӣ дар комплекси агросаноатӣ ва рафтори сармоягузории онҳо ошкор карда шуда, ҳадафҳову рафтори ташкили фаъолияти сармоягузорӣ, инчунин роҳу воситаҳои имконпазири баланд бардоштани сатҳи фазои мусоиди сармоягузорӣ дар деҳот муайян карда шудаанд;

- муайян карда шудааст, ки инфрасохтори сармоягузорие, ки дар бахши аграрии иқтисодиёти мамлакат ташаккул ёфта истодааст, дар сатҳи кофӣ самаранок намебошад, зеро он аксарияти субъектҳои хоҷагидор, пеш аз ҳама, шаклҳои миёнаву хурди хоҷагиҳо, хоҷагиҳои ёрирасонро фаро нагирифтааст ва бинобар он, ин силсилаи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ асосан дар муҳити ғайрирасмии институтсионалии иқтисодӣ дар доираи стратегияи зинда мондан қарор дошта, аз маблағи кофӣ, ҳавасмандии муассир, механизми ташкилию иқтисодӣ ва идоракунии салоҳиятдор маҳрум мебошанд;

- дар асоси татбиқи методология ва принсипҳои назариявии таҳиякардаи муаллиф оид ба мукаммалгардонии таъминоти институтсионаливу инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ пешниҳоду тавсияҳо таҳия карда шуданд, ки моҳиятан онҳо ба ҳамгироии фаъолияти иқтисодии корхонаҳои калону миёнаи кишоварзӣ ва хоҷагиҳои оилавии деҳот ба низоми бозорӣ тавассути ташаккули инфрасохтори сармоягузорӣ дар иқтисоди деҳот, ки шаклҳои андухту истифодабарии захираҳои сармоявии давлатӣ, хусусӣ ва кооперативиро дар бар мегирад, мусоидат менамояд.

- лоиҳаҳои ояндадори сармоягузорӣ, ки аз руи ҳисобҳои пешакӣ самараи баланди иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳияи кофӣ доранд, тавсия дода шудааст: лоиҳаҳо доир ба ташкили комплексхои сермаҳсул ва бисёрсоҳаи истеҳсол ва коркарди пурраи маҳсулоти зироат ва чорво; лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки корхонаҳоро ба комплекси ягонаи инноватсионии парвариши зироатҳои техникӣ ва корхонаҳои коркарди хӯроки омехта ва иловаҳои биологӣ муттаҳид менамоянд; асоснок карда шудааст, ки барои таъминоти молиявии лоиҳаҳо муқаррар кардани квотаи соҳавӣ ба объектҳои КАС ба мақсад мувофиқ аст;

- вобаста бо хусусиятҳои иқтисодиёти бахши аграрӣ зарурати ташкил кардани Фонди минтақавии идоракунии сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, ки вазифаҳои агентии кафолатӣ ва маркази иттилоотию иттиҳодияҳоро муттаҳид менамояд, асоснок карда шуда, самтҳои асосии фаъолияти ин фонд муқаррар карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз маҷмуи муқаррароти методологиву методие иборат аст, ки асосро барои мукаммалгардонии масъалаҳои таъминоти институтсионаливу инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, бо мақсади расидан ба ҳадафҳои афзалиятноки рушди индустриалии соҳаи таҳқиқшаванда ташкил медиҳанд. Инчунин, таҳияи равиши институтсионалии омӯзиши фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии он дар иқтисодиёти бахши аграрӣ муайян карда мешавад, ки имкон медиҳад, доираи васеи падидаҳо ва омилҳое, ки ба равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ таъсири назаррас доранд, муайян ва таҳлил карда шаванд.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтори идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комплекси агросаноатӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ, самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), бо ихтисос мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ 28 кори илмӣ дар ҳаҷми 37,7 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 1 монография бо ҳаҷми 10,8 ҷузъи чопӣ ва 27 мақола бо ҳаҷми 16,1 ҷузъи чопӣ (аз муаллиф – 14 ҷ.ч.), аз он ҷумла 15 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп

баромадаанд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва раванди баргузор кардани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққуиандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаи илмии диссертатсия ҳангоми раванди фаъолият ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи комплекси агросаноатӣ истифода гардидаанд: Кумитаи давлатии сармоягузории ва идораи амволи давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи №4-4а/1348 аз «16» апрели соли 2025), Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иниститути иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзи (маълумотномаи №169/1 аз «03» декабри соли 2024), инчунин ҳангоми тадрис дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маълумотномаи №103 аз «07» феврал соли 2025) аз фанҳои «Таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ», «Таҳлили иқтисодӣ» ва «Таҳлили фаъолияти сармоягузорӣ» татбиқ мешавад.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар такмилдиҳии паст намудани хавф таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, танзими даромаднокӣ ва таносуби хавфи барои ширкаткунандагони лоиҳа саҳмгузор буда, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

**Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқоти 28 корҳои илмӣ ба анҷом расонидааст, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд:**

***1. Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашриҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

1. Собирзода Ш.С. Тараққиёти саноати вилояти Хатлон: проблема ва мулоҳизаҳо [Матн] / Ш.С. Бақоев, Н.Т. Садриддинов., Д.О. Муҳаммадҷонзода, Б.Қ. Наимов // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), Қурғонтеппа, – 2016 - №1/4 (41). – С. 102-106 – ISSN 2663-5534.

2. Собирзода Ш.С. Асосҳои назарияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити имрӯза [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). – Қӯрғонтеппа, 2017. – №1/4 (49) – С. 336-340. – ISSN 2663-5534.

3. Собирзода Ш.С. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа оид ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. –Қурғонтеппа –2018.- №1/2(53) – 192-197. – ISSN 2663-5534.

4.Собирзода Ш.С. Современное состояние и развитие инвестиционных проектов в Хатлонской области [Текст] / Ш.С Бакоев // Вестник ТНУ. Серия гуманитарных и экономических наук. – Душанбе, 2018. №2. – С. 157-161. – ISSN 2413-5151.

5.Собирзода Ш.С. Сарчашмаҳои асосии таҳия, татбиқ ва рушди лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Душанбе, – 2019. №1. – С. 72-76. – ISSN 2413-5151.

6.Собирзода Ш.С. Таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ (ҷанбаҳои назариявӣ) [Матн] / Ш.С. Бақоев, Ш.Н. Саидмуродов // Маҷалаи назариявӣ ва илмӣ-истеҳсолӣ. Кишоварз, 2019. – №2 (82). – С. 211-215. – ISSN 2074-5435.

7. Собирзода Ш.С. Принсипҳо ва методҳои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ [Матн] / Ш.С. Бақоев, Ш.М. Баротзода, П. С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2020. – №1/1(71). – С. 173-177. – ISSN 2663-5534.

8.Собирзода Ш.С. Роҳҳои афзалиятноки татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ [Матн] / А. Муҳаммадӣ, Ш.С. Бақоев // Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2020 №1/3(77). – С. 170-173. – ISSN 2663-5534.

9. Собирзода Ш.С. Механизмҳои паст кардани хавфу хатарҳо ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар-2022. – №1/4(104). – С 165-208. – ISSN 2663-5534.

10.Собирзода Ш.С. Механизми идоракуни фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии обёришаванда [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”. – №1. – 1-3 (113). Бохтар, 2023. С 162-171. – ISSN 2663-5534.

11. Собирзода Ш.С. Самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлон [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2023. – № 1 – 3 (113). – С. 184-188. – ISSN 2663-5534.

12. Собирзода Ш.С. Теоретические основы региональных инвестиционных проектов и их принципов [Текст] / Ш.С. Бакоев // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2023. – № 6 – С 195-202. – ISSN 2413-5151.

13. Собирзода Ш.С. Таъминоти институтсионалии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар-2024. – № 1-3 (125). – С. 464-469. – ISSN 2663-5534.

14.Собирзода Ш.С. Совершенствование структуры, функций и институционального обеспечения управления инвестиционной деятельностью в апк [Текст] / Мирсаидов А.Б., Собирзода Ш.С // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, Душанбе, 2024. №9, – С 190 – 201

ISSN 2413-5151.

15. Собирзода Ш.С. Муносибати институтсионалӣ доир ба таҳқиқи фаъолияти сармоягузорӣ [Матн] / Собирзода Ш.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, – Душанбе, - 2024. – № 4/1 (54). – С. 275-283. – ISSN 2308-054X.

*2. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:*

1. Собирзода Ш.С. Ҷанбаҳои назариявии хавфу хатарҳо [Матн] / Ш.С. Бақоев // Ваҳдати миллӣ ва рушди иқтисод. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Ваҳдати миллӣ ва рушди босуботи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон", бахшида ба 21-умин солгарди рӯзи Ваҳдати миллӣ. Қисми 2 // Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТ Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2018. – С. 120-123.

2. Собирзода Ш.С. Нақши андозбандии истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон [Матн] / Ш.С. Бақоев // Конфренсияи вилоятии илмӣ-назариявӣ бахшида ба рӯзи андозчиён дар мавзуи "Андоз] – [сарчашмаи асосии ғанигардонии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон". – ДДБ ба номи Носири Хусрав санаи 4-майи соли 2021. – Вилояти Хатлон Бохтар,-2021.

3.Собирзода Ш.С. Принсипҳои асосии баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ [Матн] / Ш.С. Бақоев // Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Захираҳои обӣ - ]энергетикӣ: ҳолат ва дурнамои истифодаи самараноки он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об – барои рушди устувор» солҳои 2018-2028 ва рӯзи энергетикҳо (22 декабри соли 2022, ш Кулоб).

4. Собирзода Ш.С. Тенденции исползования природных ресурсов региона при развитии инвеститсионых проектов [Матн] / Ш.С. Бақоев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи сайёҳии вилояти Хатлон". – Левакант, 2023. – С. 41 - 45.

5.Собирзода Ш.С. Хусусиятҳои фаъолияти инноватсионии инвеститсионӣ дар кишоварзии обёришаванда [Матн] / Международный исследовательский центр «Endiess Ligh in Science» Республика Казахстан, 010000, г.Алматы, улица Сатпаева, 16а Исх.№469, От:26.06.2023,

6. Собирзода Ш.С. Самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Бақоев Ш.С // Маводи конференсияи илмӣ – ] назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Механизми идоракунии молиявӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон»”, ш.Бохтар, 2024. – С. 346 - 350.

7. Собирзода Ш.С. Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар давлатҳои хориҷӣ [Матн] / Бақоев Ш.С., Бақоев П.С. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Механизми идоракунии молиявӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон»”, ш.Бохтар 2024. – С. 356 - 359.

8. Собирзода Ш.С. Амалӣ намудани таҳия ва коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақа [Матн] / Собирзода Ш.С. // Маводи конференсияи илмӣ - ]назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Нақши мақомоти гумрук дар таъмини амният ва рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Бохтар 2025. – С. 111 - 116.

9. Собирзода Ш.С. Тадқиқоти таҳияи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ [Матн] / Собирзода Ш.С. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Нақши мақомоти гумрук дар таъмини амният ва рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Бохтар, 2025. – С. 117 - 122.

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтори идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комплекси агросаноатӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ, самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), шунидани тақризи мушовири илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов

А.Б., баромади муқарризони холис – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфи А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Сафозода А.К., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Нурализода Э.Н. маҷлиси васеи якҷояи кафедраҳои таҳлили иқтисодӣ ва аудит, менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ, андоз ва андозбандӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон ҷаласа чунин:

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтори идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комплекси агросаноатӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои бандҳои 32, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №295, аз 26 июни соли 2023) мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтори идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комплекси агросаноатӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ: 11 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

– “тарафдор” – 11 нафар;

– “зид” – нест;

– “бетараф” – нест.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи якҷояи кафедраҳои таҳлили иқтисодӣ ва аудит, менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ, андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 27-уми марти соли 2025, суратмаҷлиси № 7 қабул гардидааст.

Раисикунанда:

н.и.и, дотсент, декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисоди ДДБ ба номи Носири Хусрав — Шодиён Б.С.

Котиб:

н.и.и., дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити ДДБ ба номи Носири Хусрав — Зувайдулозода Г.Х

Имзоҳои Шодиён Б.С. ва Зувайдулозода Г.Х. - ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав — Исозода Т.И.

«01» 04 2025с.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992 3322) 2-45-20, 2-22-53.
E-mail: btsu78@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj.
«____» марти соли 2024